# Тадбири муҳим

**Моҳҳои ноябр-декабри соли ҷорӣ интихоботи раисони (оқсақолони) ҷамъомади шаҳрвандон ва мушовирони онҳо ба амал меояд**

Ўзбекистон бо роҳи ба худ хоси тараққиёт пеш меравад, ки асосашро панҷ усуле ташкил медиҳад, ки Президент И.А.Каримов таҳия сохтаасту онро дар саросари ҷаҳон на танҳо эътироф , балки ба ҳаёт татбиқ кардани он шурӯъ намуданд. Мақсади бузург—бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ нақши калоне мебозад. Ва дар ин бобат усули «Аз давлати пурқудрат—ба ҷамъияти муқтадир» асоси кори ояндаамон аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки шарти муҳимтарини ҷамъияти шаҳрвандӣ дар ҳаёти ҷомеа баланд бардоштани нақшу аҳамияти муассисоти ғайридавлативу ҷамъиятӣ буда, ин дар навбати худ амалан ба ҳаёт татбиқ намудани усули «Аз давлати пурқудрат—ба ҷамъияти муқтадир»-ро тақозо дораду тадриҷан кам намудани нақши сохторҳои давлатиро дар ҳаллу фасли бисёр вазифаҳо, аз он ҷумла, алоқаманди ҷараёнҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар бар мегирад. Дар қаламрави мамлакати мо аз қадимулайём муассисоти нодир—маҳалла арзи ҳастӣ мекунад. Маҳалла, ки ҷузъи муҳими мақомоти худидораи шаҳрвандон мебошад, аз қадим дар саросари кишварамон арзи ҳастӣ намуда, дар бобати мувофиқи мақсад ба роҳ мондани зиндагонӣ, тарбия ва ғайра нақши калон бозидааст. Аҳли маҳалла шодиву нишот ва ғаму андӯҳи якдигарро ба ҳам дидаанд.

Нақши давлат ва сохторҳои он ба муайян намудани самтҳои стратегии тараққиёти иқтисодӣ нигаронда мешавад. Давлат, сохторҳои он бояд ҳифзи сохтори конститутсионӣ, истиқлолият, ягонагии ҳудуди ҷумҳурият, ҳуқуқу тартибот ва мудофиаи сарҳадҳои кишвар, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳуқуқҳои амволдор ва озодии фаъолияти иқтисодиро дар дӯш дошта бошанд. Дар айни замон масъалаҳои стратегӣ дар дараҷаи давлатӣ ҳаллу фасл мегарданд. Қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва хоҷагӣ, пулу асъор, фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои фаъолияти субектҳои хоҷагидорӣ, муаммоҳои экологӣ, инкишофи коммуникатсияҳои нақлиётӣ ва муҳандисии умумиҷумҳурӣ, ба миён овардани истеҳсолоти нави муайянкунандаи сохтор низ аз ҷониби давлат ба иҷро расонда мешаванд.

Лозим аст, ки ҳар чӣ бештар ва беҳтар назорати мардумро тақвият бахшем, аз болои фаъолияти давлат, минҷумла, фаъолияти сохторҳои қудратии он назорати ҷамоатиро пурзӯр намоем. Ин кор тадриҷан, давра ба давра амалӣ гардонда, як қисми вазифа ва ҳуқуқҳои мақомоти марказӣ ва олии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақомоти поёнии ҳокимият, сараввал мақомоти худидораи шаҳрвандон гузаронда мешаванд.

Мувофиқи қарори Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз санаи 6 октябри соли 2003 ба мақомоти худидораи шаҳрвандон моҳҳои ноябр-декабри ҳамин сол интихобот гузаронда мешавад, ки тадбири муҳими сиёсӣ ва маъракаи пурмасъулият ба ҳисоб меравад. Чунки ба ҳамин мақомот раисон (оқсақолон) ва мушовирони онҳо интихоб карда мешаванд, ки дар асоси моддаи 105 Қонуни Асосӣ ва моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрвандон» фаъолият пеш мебаранд.

Зикр бояд намуд, ки дар бадали ҳар дуним сол як бор ба ин мақомот интихобот гузаронда мешавад. Интихоботи гузашта моҳҳои май-июни соли 2001 ба амал омада, ҳамагон шоҳиди дар сатҳияи баланди иҷтимоиву сиёсӣ ва ташкиливу ғоявӣ гузаштани он шудем. Раисон (оқсақолони) мақомоти худидораи шаҳрвандон ва мушовирони онҳоро интихоб кардем. Онҳо бомуваффақият фаъолият пеш бурда, бори дигар намоиш медиҳанд, ки мақомоти худидораи шаҳрвандон дар саросари дунё муассисоти беқиёс, миллии ба худ хос мебошад.

Мувофиқи моддаи 105 Қонуни Асосӣ кенгашҳои шаҳракҳо, деҳаҳо, авулҳо, ҳамчунин маҳаллаҳои шаҳрҳо мақомоти худидораи шаҳрвандон ба ҳисоб мераванду раисони (оқсақолони) онҳо ва мушовиронашон ба муддати дуним сол интихоб карда мешаванд. Дар айни замон кенгашҳои ҷамъомади шаҳрвандон, комиссияҳои самтҳои асосии фаъолияти ҷамъомади шаҳрвандон, комиссияҳои тафтишоту маъмурии онҳо низ мақоми худидораи ҷамъияти шаҳрвандонро гирифтаанд. Ва ба сарварии онҳо киҳо бояд интихоб мегарданд, масъалаи муҳим аст. Чунки фаъолияти пурчӯшу хурӯши минбаъдаи мақомоти мазкур ба шахсоне вобаста аст, ки интихоб карда мешаванду сару сарварии онҳоро ба зимма мегиранд. Ва аз ин рӯ зимни интихобот мо бояд шахсонеро ба вазифаи раис (оқсақоли) ҷамъомади шаҳрвандон ва мушовирони онҳо интихоб кунем, ки қобилияти хуби ташкилотчигӣ доранду дар байни аҳолӣ соҳиби обрӯву эътибори калон мебошанд.

Алқисса, интихобот дар ҳаёти ҷамъиятамон тадбири муҳими сиёсӣ буда, он чун ҳарвақта муташаккилона ва дар сатҳияи баланд хоҳад гузашт. Зеро халқамон моҳияти ислоҳотҳоро дар мамлакат пурра дарк кардаанд, вазифа ва ҳуқуқи худро медонанд. Аз ин рӯ, мардум сарварони муносибро интихоб карда метавонанд.

**Т.ЭХСОН.**

# Тавачҷӯҳи Олмон ба имкониятҳои Ўзбекистон

***Дар Берлин конференсияи ўзбекӣ-немисии иқтисодӣ ва маҷлиси якҷояи кумитаи Байнивазоратии оид ба кафолатҳои содиротӣ барпо гашт. Дар тадбирҳо, ки онро Вазорати федеролии иқтисод ва меҳнати Олмон ташкил намуд, намояндагони Ўзбекистон бо роҳбарии раиси Кумитаи давлатии амвол М.Асқаров иштирок доштанд.***

Раиси раёсати Иттиҳодияи Шарқ ва Европаи Марказӣ У.Дитч конференсияро ҳусни оғоз бахшида, қайд кард, ки Ўзбекистон аз нигоҳи геополитикии худ, дороиҳои пурқимати зеризаминӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ба ҳамин муносибат компанияҳои калонтарини немисӣ дар бозори Ўзбекистон роҳ ёфтаанд, дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ҳамкориҳои дуҷониба хеле самарабахш мебошанд.

Дар баробари ҳамин, махсус қайд кард У.Дитч, сиёсати ҳукумати Ўзбекистон ба он равона гардидааст, ки ҳамкориҳои ширкат ва фирмаҳои хориҷӣ дар Ўзбекистон минбаъд вусъат ёбанд, рӯи ин манзур тамоми шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда мешаванд, ки ин чиз заминаи мусоиди рушди ояндаи манфиатҳои иқтисодӣ ба иқтидори ҷумҳурӣ мегардад.

Роҳбари департаменти мамлакатҳои ИДМ-и Вазорати иқтисод ва меҳнати ҶФО П.Лоренс низ дар ҳамин ақида будааст. Ў қайд намуд, ки имрӯз Ўзбекистон ҳамкори стратегии Германия дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад ва ин дар навбати худ боз як далели саъю кӯшиши ду мамлакат ба ояндаи умедбахш дар роҳи вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои пурсамар мебошад.

Саволу ҷавобҳое, ки дар байни доираҳои корчаллонии Олмон ба амал омаданд, аз он далолат менамоянд, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Ўзбекистон боз ҳам тавсиа ёфта, дар он технологияҳои нав дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ҷорӣ гардад. Аз ҷумла, дар соҳаҳои саноати нефту газ, мошинсозӣ, хӯроквори, саноати электротехникӣ, системаи бонкӣ бархӯрди манфиатҳои ҳар ду тараф ба мушоҳида расид.

—Гузаронидани конференсияи мазкур таваҷҷӯҳи зиёди ба ҳамкории иқтисодӣ бо Ўзбекистон доштаро намоиш дод,—мегӯяд сардори Академияи оид ба такмили ихтисоси соҳаи иқтисод Х.Бодамир.—Он чиз ҳам муҳим аст, ки гузарондани он бо як воқеаи муҳим, ҷорӣ гардидани озодтабодулии асъори миллӣ ба иттифоқ афтод. Ин боз як омили васеъ намудани ҳамкориҳои дуҷониба дар байни Ўзбекистон ва Олмон хоҳад гардид. Махсусан қайд менамоям, ки самтҳои асосии ҳамкории байни Ўзбекистону Олмон аз ибтидо то ба ҳол тағйир наёфтаанд, онҳо нишон медиҳанд, ки роҳи пешгирифтаи ҳамкориҳо роҳи дурустанд.

Сардори Департаменти мамлакатҳои ИДМ-и Вазорати иқтисод ва меҳнати ҶФО П.Лоренс қайд намуд, ки Вазорати федеролии иқтисод ва меҳнат тайёр аст ислоҳотҳои дар соҳаи иқтисодиёти Ўзбекистон ба амаломадаро дастгирӣ намояд.

Ҷаноби П.Лоренс қайд намуд, ки намояндагони бисёр фирма ва компанияҳо дар ин ҷамъомад иштирок менамоянд. Худи ҳамин аз он шаҳодат медиҳад, ки доираҳои корчаллонии ҶФО ба Ўзбекистон таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунанд, дар он ҳамкории боварибахш ва дарозмӯҳлатро мебинанд.

—Он бартарӣ ва имтиёзҳое, ки ҳукумати Ўзбекистон барои сармоягузорони хориҷӣ фароҳам меоварад, ҷиҳати зиёд шудани инвеститсияҳои Олмон ба иқтисоди ҷумҳурият саҳми асосӣ мебозанд,—мегӯяд ӯ.—Ман тоҷирони немисро даъват менамоям, ки инвеститсияҳои худро ба тараққиёти Ўзбекистон, аз ҷумла ба корхонаҳои хурд ва миёна, ки асоси сохтори иқтисоди Ўзбекистонро ташкил мекунанд, гузоранд.

Аз ҷониби Олмон махсусан қайд гардид, ки интизоми пардохти маблағ аз тарафи ҳукумати Ўзбекистон қобили таваҷҷӯҳ аст, бо ин хислати некаш дар соҳаи иқтисодиёти минтақа мавқеи баландтаринро фаро гирифтааст. Ва ин чиз ба мустаҳкам шудани ҳамкориҳои байни бонкҳои Ўзбекистон ва ҶФО-ро кафолат мебахшад.

Намояндагони Ўзбекистон ҳамчунин ба маҷлиси комитети Байнивазоратии оид ба кафолатҳои экспортӣ низ иштирок доштанд. Дар ҷараёни он масъалаҳои стратегияи дарозмуддати иқтисодии ҷумҳурият, имкониятҳои бо маблағ таъмин намудани лоиҳаҳои муҳимтарин, воситаҳои суғурта, навъ ва шаклҳои кафолат, таҷрибаи немисии соҳаи маблағгузории сохтмонӣ мавриди муҳокима қарор ёфтанд.

**Аслам АКБАРОВ,**
**ИА «Ҷаҳон»**, БЕРЛИН.

## Тӯҳфа

Бинокорон ва тармимгарони корхонаи «Устозода»--и Тошканд пешайвони нави маҷмӯи ёдгории Баҳоваддини Нақшбандро бунёд карданд. Дар сохтмони он аз беҳтарин анъанаҳои меъмории Шарқ истифода бурда шуд.

— Дар бунёди айвон, ороиши дохилӣ ва зоҳирии он 60 нафар устои моҳири иттиҳодияи «Устозода» меҳнат кардаанд,— мегӯяд устои калони корхона Собир Шукуров. Дар байни ононе ки айвонро бунёд карданд, шогирдони С.Шукуров Расулҷон Искандаров, Шӯҳрат Тошмуҳамедов ва Дилмурод Қодиров буданд.

Тармими нави маҷмӯи ёдгории Баҳоваддини Нақшбанд тӯҳфаи хуб аст, ба ҷашни 900-солагии Абдухолиқи Ғиҷдувонӣ.

**«Туркистон-пресс».**

# Пули дӯстии Ўзбекистону Япония

Япония яке аз мамлакатҳои мутараққии дунёст. Иқтисодиёт ва фарҳанги ин мамлакат сол то сол рушд меёбад. Маҳсулоти Японияро қариб,. ки тамоми мамлакатҳои дунё мехаранд. Дастовардҳои фарҳангии он низ як гӯшаи фарҳанги мамлакатҳои дунёро обод мекунад. Масалан, дастовардҳои таълиму тарбия, тиб, санъати нафиса, кино, савту сурудҳои миллӣ ва ғайраву ҳоказо. Бигирем, санъати савту наво ва сурудҳои япониро. Ба қарибӣ дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи А.Навоӣ як гурӯҳ донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии санъати нафиса ва мусиқаи Токио асарҳои мусиқӣ ва савту наворо ба ҳукми тамошобинони тошкандӣ пешниҳод намуданд. Толор пур аз ҳаводорони савту суруди японӣ буд. Бояд гуфт, ки барои он, ки суруд ба ҳозирон, ки на ҳама забони япониро медонистанд, фаҳмо бошад, баранда маънии онро ба забони русӣ мегуфт. Аммо мусиқа, чӣ тавре ки медонем, тарҷума намешавад. Ягона санъати нафисаи мамолики дунёро—мусиқаро ҳаводорони мусиқӣ (албатта, на ҳама) бетарҷума мефаҳманд. Инак, оҳанги мусиқаи японӣ дар толор сайр мекард ва ҳар фарде, ки дӯстдори мусиқа буд, бо тамоми вуҷудаш гӯши ҳуш мешуд ва ба дарёи андешаҳо ғарқ шуда, аз оҳанги тасхиркунандаи барояш билкул нав ғизо мегирифт, дилаш аз фараҳ лабрез мешуд.

Алалхусус, сурудҳои «Сюнсё» («Шоми баҳор»), «Кинуко-митио» («Роҳи абрешим») ва «Хана-но-омокагеэ» («Тимсоли гул») барои ҳозирон аз ду ҷиҳат писанд омад: якум, пеш аз иҷрои ин сурудҳо мазмуни онро тамошобинон пешакӣ медонистанд. Дуюм, вақте ки дар ҳавои мусиқии дилнавоз сурудҳои зикршударо яке аз сарояндагони ҷавон месуруд, дар толор гӯё пашша пар намезад.

Навозандагон бо асбобҳои мусиқии Сякухата (ба наи чӯпонии мо монанд) ва Кото (ин асбоби мусиқӣ аз 13 тор иборат аст) асар иҷро мекунанд. Бояд гуфт, ки ин асбоби мусиқиро чанд сол қабл такмил дода, шумораи торҳояшро аз 17 то 20 то расонданд. Ҳар навозанда аз нота чашм наканда, ба торҳои Кото нохун мезад. Навозандаи Сякухата, ба Кото ҷӯр мегашт ва як оҳанги муассири яклухти дилнишин ба гӯш мерасид. Сароянда (тафовути сарояндаҳои японӣ аз сарояндаҳои мо шояд дар ҳамин бошад) ҳангоми мусиқа кам мехонд. Ва кас тасаввур мекунад, ки мусиқа суруд мегӯяд, на сароянда. Сароянда сарояд гӯё ба гӯш мусиқаи ҷаззобе мерасад...

Дар донишгоҳ музеи санъат мавҷуд. Экспонатҳои он бешумор ва қадимианд. Шумораи экспонатҳои донишгоҳ танҳо аз музеи давлатии Токио камтар асту халос. Охир, музеи зикршуда 110-сола аст. Ва он қариб ҳар сол бо экспонатҳои нав ба нав пур мешавад...

Алқисса, чунин як мамлакати ҳамаҷониба тараққиёфта ба Ўзбекистон ба ҳар соҳа кӯмаки беподош мерасонад. Ин корро шӯъбаи иқтисодиёти сафоратхонаи Япония дар Ўзбекистон ба анҷом мерасонад. Ин шӯъба аз соли 1995 сар карда то имрӯз ба мактабҳои миёнаи умумӣ, беморхонаҳо аз рӯи барномаи махсус ҳар сол (аз соли 1995 то 1999) аз дусад ҳазор то чорсад ҳазор доллар кӯмаки беподош расонд. Дар охир аз рӯи 42 лоиҳа (солҳои 2001-2002) ҳукумати Япония ба 31-то мактаби таълими умумӣ, аз ҷумла ба 2 интернати махсусгардондашуда, ба ду маркази занон, ба як маркази кӯдакон, инчунин ба тресли «Каракалпакселхозводопровод» ёрии моддӣ расонд.

Риштаи дӯстии Ўзбекистон ва Япония рӯз то рӯз пурқувват мегардад. Хуллас, дар ду соли охир ҳукумати Япония ба ҷумҳуриамон беш аз 2 миллион доллари ИМА ёрии беподош расонд.

**Б.ДАРӢ.**





Корхонаи муштараки «Чинозтуқимачӣ» дар кишвари мо аз корхонаҳоест, ки ба талаби рӯз ҷавоб медиҳанд. Таҷҳизот ҳама ҷопонист, кор аз рӯи технологияи Туркия ба роҳ монда шудааст. Коргарон дар се баст калобаву газвор истеҳсол мекунанд. Шумораи онҳо, ки аксарият ҷавононанд, ба 640 нафар мерасад. А.Носирова, Р.Ғуломова ва М.Ҳакимова барин коргарон пешоҳангони корхонаанд.

Маҳсулоти корхона ба 15 кишвари ҷаҳон интиқол мегардад.

**Дар аск: 1.** Калобаресон **Азиза Носирова** ва **Раъно Ғуломова** ҳангоми кор. **2.** Директори дастгоҳи наддофӣ **Муноҷот Ҳакимова.**

**Аксбардор: Р.АКБАРАЛИЕВ.**

## Дар Ватани маҳбуб

### Навигарӣ дар Интернет

Дар шабакаи Интернет китобҳои дарсӣ оиди экология пайдо шуд. Китобҳои дарсии электронӣ, ки бори аввал дар Ўзбекистон ба табъ расидаанд, аз тарафи олимони кафедраи ҳифзи меҳнати Донишгоҳи бофандагӣ ва саноати сабуки Тошканд тайёр карда шудаанд.

Дар ин даргоҳи илм баробари азхуд намудани фанҳои муҳофизати меҳнат, ҳимояи шаҳрвандон аз рӯи тадқиқи экологӣ низ корҳои зиёде ба сомон расонда мешаванд. Китоби нави дарсӣ барои талабагони коллеҷҳои касбӣ аҳамияти калон дорад. Китоби дарсӣ аз хусуси ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон аз тарафи шӯрои мутобиқсозии Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус тавсия гардидааст.

### Корхонаи муштарак

Дар пойтахти Ватанамон боз як корхонаи муштараки Ўзбекистонию Австриягӣ — «Деск Инвест» ба фаъолият шурӯъ намуд. Корхона сафоли бомпӯшии металлӣ, профнастил ва дигар воситаҳои бомпӯшӣ истеҳсол мекунад.

Захираи оинномавии корхонаи муштарак 4 миллиону 940 ҳазор доллари амрикоӣ мебошад. Бунёдгарони он аз тарафи Ўзбекистон—ҳокимияти шаҳр, ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Осиё грант» ва «Қурилишбутлашхизмат» ва аз тарафи хориҷӣ бошад, фирмаи австриягии «Деск Маркетинг Сервис Д.Ж.В.Н.» ва шахси хусусии амрикоӣ Марк Хушманд мебошанд.

Сехи истеҳсолии корхона бо таҷҳизоти финӣ таъмин карда шудааст. Корхонаи муштарак дар як сол то 6 ҳазор тонна тунукаи қӯрғошимзада мебарорад. Дар айни вақт 5000 метри мураббаъ черепитсаии металлӣ ва 15000 метри мураббаъ профнастил тайёр карда мешавад.

### «Сарибел—Диамет»

Дар хоҷагии ширкатии қарокӯлпарварии «Сарибел»-и ноҳияи Конимех беш аз 8 ҳазор сар бузу гӯсфанд, шутуру асп парвариш карда мешавад. Ҳар сол хоҷагӣ қариб сад ҳазор дона пӯсти қарокӯлӣ, 70 тонна пашм тайёр мекунад.

Дар авули Янгиқозгани хоҷагии номбурда дар ҳамкорӣ бо туҷҷорони хориҷӣ корхонаи муштараки «Сарибел-Диамет» ташкил дода шуд. Корхона бо таҷҳизот ва асбобу ускунаи замонавӣ пурра таъмин мебошад.

Ба туфайли барпо гардидани корхонаи нав минбаъд пӯстҳои қарокӯлӣ дар худи хоҷагӣ аз нав кор карда хоҳад шуд.

**(Аз рӯи хабарҳои ЎзА таҳия шуд).**

# Набзи Тоҷикистон

### Интихобот чӣ гуна бошад

Интихоботи навбатӣ ба парлумони Тоҷикистон, ки соли 2005 хоҳад гузашт, бояд аз интихоботи пешина куллан фарқ кунад. Он бояд демократитар ва рӯшантар бо риояи ҳатмӣ ба қонуну қоидаҳо гузарад. Дар байни намояндагони шаш ҳизби сиёсии вилояти Суғд маҳз аз ин хусус баҳсу мунозара ба амал омад. Ин мубоҳасаи ошкороро нисбати интихобот пажӯҳишгоҳи миллии демократии муносибатҳои байналхалқӣ созмон дод. Иштирокдорони воҳӯрӣ лоиҳаи нави қонун «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон»-ро, ки комиссияи кории оид ба даровардани тағйиротҳои Ҷумҳурияти Тоҷикистон кор карда баромадааст, баррасӣ намуданд. Чунон ки яке аз иштирокдорони воҳӯрӣ Маҳмадалӣ Ҳаитов иброз дошт, мақсад аз баргузории тадбири мазкур танҳо баҳсу мунозараҳо дар атрофи лоиҳаи қонун нест, онҳо мехоҳанд, ки моҳияти тағйирот ва иловаҳои қонун дастраси интихобкунандагон бошанд.

### Ҷавонони тоҷик дар лашкари Русия

Аввалин шаст нафар даъватшудагони конибодомӣ барои хизмат ба қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Русия, ки дар қаламрави Тоҷикистон мебошад, равона шуданд. Ин ҷавонон аз назорати қатъӣ гузаштанд. Даъватшудагон саъй менамоянд, ки дар қисмҳои қӯшуни Русия хизмат намоянд. Ин ба он сабаб аст, ки қисмҳои ҳарбии Федератсияи Русия базаи хуби моддиву техникӣ доранд, дар ин ҷо маоши аскарон ҳам хеле бештар аст. Ғайр аз ин ҷавонон имконияти қабули шаҳрвандии Русияро пайдо мекунанд. Зеро бисёрии онҳо фарзандони падароне мебошанд, ки ҳоло дар ҳудуди Федератсияи Русия муҳоҷирони меҳнатӣ ҳастанд. Дар ин бобат ҳамчунин он чиз таъсири худро мегузорад, ки дар лашкари Русия сатҳи тайёрии ҳарбӣ баландтар аст, имконияти аз худ намудани касбе, ки он дар ҳаёти ғайриҳарбӣ ҳам метавонад ба кор ояд, бештар мебошад.

### Ҳуқуқи истеъмолгарон

Конгресси Созмони умумиҷаҳонии истеъмолгарон, ки дар Лиссабон баргузор гардид, зиёда аз 500 иштирокчиро аз 100 кишвар ҷамъ овард. Дар кори ин созмони байналхалқии ҷамъиятӣ намояндагони иттиҳодияҳои истеъмолгарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳам иштирок намуданд. «Мо боз як бор мӯътақид гардидем, ки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳаллу фасли муаммоҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон мушкилоти бисёре доранд, — гуфт яке аз иштирокдорони конгресс, директори «Иттиҳоди истеъмолгарон»-и Хуҷанд Баҳодур Ҳабибов.— Баҳри аз байн бардоштани ин бозмондагӣ мо бояд маърифати иттилооти шаҳрвандонамонро баланд бардорем, асосҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқиро оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон мустаҳкам намоем,— қайд намуд ӯ.

### Воҳӯрии намояндагони СҲШ

Намояндагони расмии кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар Душанбе воҳӯрданд ва масъалаҳои мубориза ба муқобили хариду фурӯши ғайриқонунии нашъаро муҳокима карданд. Қайд гардид, ки ба ин кор бояд намояндагони вазоратҳои ҳифзи сиҳҳат ва маориф ҳам ҷалб карда шаванд, мубориза бо ин иллат бояд аҳамияти давлатӣ пайдо кунад, танҳо дар ҳамин сурат метавон ба муваффақияти чашмрас умед баст.

Иштирокдорони воҳӯрӣ ба муоҳада дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши ғайриқонунии нашъа имзо гузоштанд. Ба ҳайати Созмони Ҳамкории Шанхай кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Русия, Тоҷикистон ва Ўзбекистон дохиланд.

### 12 миллион евро барои сарҳадҳо

— Иттиҳоди Аврупо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ баҳри мустаҳкам намудани сарҳадҳояшон кӯмак мерасонад. Барои ин мақсадҳо 12 миллион евро ҷудо гардидааст,— гуфт дар Душанбе директори Комиссияи Аврупо оид ба масъалаҳои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ Брикс Кнудсен. Ин барнома то соли 2006-умро дар бар мегирад ва аз мина тоза намудани сарҳадҳо, мустаҳкам гардондани ситодҳои гумрукӣ, нуқтаҳои гузариш, назорати ба хориҷа гузаштани муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирӣ кардани фурӯши нашъаро дар назар дорад. Аз ин хусус дар конфронси минтақавии барномаи TACIS , ки тамоми кишварҳои минтақа иштирок намуданд, сухан рафт.

**«Туркистон-пресс» ва «Вароруд».**

## Хазинаи «Тандурустӣ»

Дар Бухоро бо ташаббуси ҷамъияти саҳҳомии «Шоҳруд», «Бухороёғ», «Бухоротекс», «Бухородон», «Бухороавтойӯл», иттиҳодияҳои «Бухоропахтасаноат» ва идораи вилоятии сиҳҳатии омма хазинаи «Тандурустӣ» созмон дода шуд.

Дар конференсияе, ки бахшида ба ин муносибат ба амал омад, низоми он тасдиқ ва аъзоёни органҳои идоракунӣ, инчунин шӯрои дастгирӣ, комиссияи назоратӣ — тафтишотӣ интихоб гардиданд.

Ба суханбаромадагон таъкид намуданд, ки хазинаи навташкил дар кори бо таҷҳизоти нави тиббӣ таъмин намудани марказҳои нави ташхис, дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии корҳои илмии духтурҳо, ташкили ёрии дараҷаи аълои тиббӣ ба ҳоҷатмандон ва дар ҳалли дигар масъалаҳо фаъолона иштирок мекунад.

**«Туркистон-пресс».**

# Дар мубориза бо бемории сил

Дар мактаби миёнаи рақами 21-уми шаҳри Бухоро барои хонандагони синфҳои болоӣ дар мавзӯи огоҳӣ аз бемории сил бо кӯмаки марказҳои ҳамоҳангсозиву ихтиёрӣ МҲИ машварат гузаронда шуд. Барандаи гранти Оҷонсии байналхалқии C1DA-и Канада—Маркази ҳуқуқиву инсонпарварии Бухоро ташаббускори баргузории ин машғулот гардид.

Духтур В. Каримов, ҷамъиятшиносон Ф. Акобиров ба шунавандагон аз хусуси фаъолияти МҲИ дар бобати пешгирии касалии сил, ташхис ва табобати он ҳарф заданд. Оид ба зарари сигоркашӣ, майзадагӣ ва нашъакашӣ сӯҳбатҳо гузаронида шуданд. Бачагон лоиҳаҳои худро оид ба ҳаллу фасли мушкилот пешниҳод карданд, соҳиби гувоҳномаҳое шуданд, ки барои дар МҲИ кор кардан иҷозат медиҳад.

—Мо гранти C1DA- ро барои гузаронидани машғулиятҳои машваратӣ—ба толибилмони вилоятҳои Навоӣ ва Бухоро истифода мебарем, — гуфт ба хабарнигори ОИ «Туркистон-пресс» роҳбари маркази ҳуқуқиву инсонпарварии Бухоро Шӯҳрат Ғаниев.

**«Туркистон- пресс».**

*Соли маҳаллаи обод*

# Маҳаллаи пешсаф

Маҳаллаи «Қалъаи Поён», ки ба он Тӯрабек Мирзоев сару бар аст, корҳои шоёни таҳсинро ба амал мебарорад.

Маҳаллаи номбурда 2 ҳазору 35 нафар аҳолӣ дорад. Дар вай 543 оилаи хушбахт зиндагӣ мекунад.

Тӯйу маросимҳо бо сару сарварии мӯйсафедони кордида, аз зумраи Ҳаётҷон Мамаҷонов,Обидхӯҷа Иброҳимов, Ҳамидҷон Мирбобоев, Бобозиёд Зиёдов, Мастура Султонова, Комила Мадалиева барин модарони пурдону ҳолдон хушу хурсандона мегузарад.

Яке аз корҳои хуби ин маҳалла дар он аст, ки сокинони маҳалла ба корҳои ободонии диёр баробар мечапанду барои аз ҳисоби пардохтҳои худӣ корҳои сохтмониву таъмириро ба амал мебароранд, бо саъю кӯшиши онҳо қабристони Хӯҷаи Ориф обод гардид. Бо кӯмаки мардуми деҳа ҷойҳои хуби нишаст тайёр карда шуд. Корҳои ободонии қабристон ба охир расид. Ба он 5 миллион сӯмина маблағ сарф карда шуд.

Албатта, дар ин кори хайр одамони дасткушо аз зумраи Тоҷиддин Хонбӯтаев, Додо Тоҷиддинов, Махсумҷон Тоҳиров, Юлчибек Илёсов аз ҳисоби пардохтҳои худӣ ба обод кардани маҳалла маблағ доданд. Хурду калон, пиру барнои маҳалла ба ин қабл дарёдилон арзи миннатдорӣ мекунанд. Албатта, дар шароити иқтисодии бозор ин гуна ёрӣ аз дасти ҳама ҳам намеояд.

Яке аз тадбиркорони хайрхоҳ Азизбек Сидиров мебошад. Ў аз ҳисоби пардохтҳояш чойхона, нуқтаҳои хизмати маишӣ, сартарошхона, ошхона, хонаҳои дамгирӣ ва ғайра сохта медиҳад.

Корҳои ободонӣ рӯз то рӯз авҷу барор дорад, роҳравҳо тозаву озода мегарданд. Дар ҳудуди маҳалла мактаби миёна, 2 мағоза, 3 қассобхона, сартарошхона, нуқтаи хизмати маишӣ алҳол арзи вуҷуд доранд, ки ба мардум хизмат мерасонад.

Мактаб, боғчаи бачагона хуб таъмир карда шуда ба истифода супурда шуд. Ҳамаи корҳои таъмир аз ҳисоби аҳли маҳалла иҷро гардид. Умуман маҳалла ҷои нишаст, ҷои тарбия, ҷои меҳру оқибати ҳамдиёрон буду ҳаст.

Маҳалла Шиносномаи худро дорад, ки аз он бо таърихи маҳалла шинос шудан мумкин.

Ба ивази хуб будани кори маҳалла дар тӯли 3,5 соли арзи вуҷуди он ягон ҳодисаи қонуншиканӣ рӯй надодааст. Ҳатто, байни оилаи ҷудогона низое сар назадааст.

Натиҷаи кори хуби он буд, ки дар озмун-азназаргузаронии ноҳия ин маҳалла ҷои якум ва дар миқёси вилояти Фарғона ҷои сеюмро гирифт.

**Каримҷон МУҲИДДИНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Фарғона.**

Асқар Маҳкам

# Аз дафтари Табрез

(Силсила)

### Ҳар касе дорад Мусалло

Нимаам форс,
Нимаам турк,
Менадонам дигарашро...
Бо каломи Хоҷа Ҳофиз,
Устухонам сахт шуд.
Момаи нуроният,
Чокҳои куртаамро,
бо ғазал сӯзан зада.
Алла гуфта бар наёям
Балху Шерозу Ҳироту мулки Табрез.
Гарчи дар ғамгин Мусалло,
Нест нақши пои тақдир.
Дар Бухоро лек
Ҳар касе дорад Мусалло...
Чоруқи ҳазрат ба по,
Пайсипардам кӯчаҳои шаҳри Табрез.
Қуббаҳо бар сар валиён ҷамъ шуданд,
Мепарид чанде фаришта дар фазо,
Нурогин карда гӯё оғӯшам.
Авлиё гуфтанд ногаҳ:
«Чоруқат бар мо бидеҳ».
Фикр кардам шайх розист,
То шафақҳо бингаристам
бар фазои сурхи Ҷайҳун...
Пас бигуфтам:
«Сарфарозам,
Чист чоруқ,
Ман ба ҳаққи Шамси Табрез,
Ҷони худро ҳадя созам...»

### Гадое, ки биларзонда ҷаҳонро

Бубар, Табрез, моро то ба Шероз,
Ба тахти бодҳо мисли Сулаймон...
Ба Ҳофиз дар Мусалло гулъузоре,
Кунад имо ба ҳолаш шоду хандон.

Канори хирқааш печида Ҳофиз,
Канори Рукнӣ бинад хоб сархуш,
Санамҳо себи сурх афканда сӯяш,
Биҷунбонанд пайваста бару дӯш.

Ба кунҷе майфурӯше гашта беёд,
Ба хуме ин ҷаҳонро месупорад.
Диҳад ратли гарон бар дасти
шоир,
«Фақат май хӯр»-бигӯяд,—
май гусорад.

Ба калтак мӯҳтасиб он бодакашро,
Занад, хуми шаробаш пора созад.
«Ҳамесӯзем девони ғазалҳот»—
Бишӯрад, бар сари Ҳофиз битозад.

Ба як имо бишуд пайдо басе ҳур,
Зи қолаб мӯҳтасибро чашм барҷаст.
«Чӣ мешӯрӣ»,—бихандид Хоҷа Ҳофиз,
Бибин охир, ки ҳурон низ сармаст.

Бупечид мӯҳтасибро тозиёна:
«Мазоҳам мекунӣ хуш дор, Ҳофиз!
Малакҳоро чӣ ҳоҷат дар Мусалло?
Суханҳоят ҳама бебор, Ҳофиз!»

Бигардад дар Мусалло мӯпарешон,
Гадое, ки биларзонда ҷаҳонро.
Қадаҳ дар даст ҳурон бода резанд,
Кашад бар сар шароби арғувонро.

Намояд мӯҳтасиб бо ҷаҳл бар чашм...
Ва бо ҳоли лабаш он чеҳрахандон...
Бубар, Табрез, моро то ба Шероз,
Ба тахти бодҳо мисли Сулаймон.

### Дар ҳошияи девони Хоҷа Ҳофиз

Чил сол аз умрам гузашт,
Гоҳо аён, гаҳ хуфия.
Бо хун навиштам, не ба зар
Ин сатрҳо дар ҳошия.

«Шероз рав, кишваркушо
Аз баҳри дунё даргузар.
Девони Ҳофизро бигир,
Тахтат бидеҳу симу зар.»

«Савдогаро, аз мо маранҷ,
Аз сайру савдо даргузар.
Дӯкону молатро фурӯш,
Ашъори Ҳофизро бихар».

«Ай роҳзан, шаб корвон,
Ояд зи Балху Исфаҳон.
Байте мусофир хонад ар
Аз Хоҷа, теғатро марон».

«Ай посбон, бандат кушо,
Аз чоҳ маҳбусро раҳон.
Боре агар орад ба сидқ,
Унвони Ҳофиз бар забон».

«Бинмой сабр, ай ҳамнафас,
Ёрат чу шуд ёри хасе.
Таъзим кун рӯзе агар,
«Ман Ҳофизам» гӯяд касе...»

### Хайём

Чаро зарқуббаҳои масҷид, ай ринд,
Ба ҷоми вожгун афтода монад.
Насиҳатҳои хушки зоҳиди тар,
Ба боғи бесамар истода монад?

Бидидам хаймаҳоят чок, Хайём,
Ба рӯяш мӯрҳо дар рафтуоянд.
Гулобе дар кафи гулҳо намонда,
Ки бо ҷоме туро меҳмон намоянд.

Чӣ ишқ аст ин, ки теғаш
ҷонситон аст,
Бурад рагҳояму хунам бирезад.
Чӣ сон гӯрат туро созад таҳаммул,
Зи ҳар як зарраш шӯре нахезад.

Саропо оташам, ратли гарон деҳ,
Шароре аз ман афтад, санг сӯзад.
Дар абрӯям гаҳе, гаҳ дар
лаби лаъл,
Ки бо хуни дилам ҳар ду ситезад.

Аё Хайём, ман ҳам ошиқи зор,
Бигӯ бо ман зи ҳурони Хуросон.
Натонистам зи Туркистон бароям,
Набошад аз Ватан дил кандан осон.

### Дар сари қабри Шайх Камол

Шайхи комил,
То ҳанӯз озурдахотир хуфтаӣ,
Дидаат аз ғусса нам.
Ин тараф—дар соҳили дарёи Сир,
Меканад мӯяш Ватан...
Рафтӣ аз Хуҷанду монд,
Дар дилат меҳри диёру ақрабо,
Ман ҳам аз хуҷандиҳои дарбадар,
овораам...
Ай палидон,
Пурфасодони пачақ!
Ай ки чашми меъдаҳотон бозу
чашми қалбҳотон русти руст!
Шайх аз дунё гузашт,
Ҷомҳо бар сар кашед,
Каф занеду даф занед,
Аз Хуҷанд, ай хоҷаро аз бухл берун
кардагон!
Хуни шоир масттар аз хуни ангур,
саф кашед!
Ай Хуҷанд,
ай сарзамини хоҷаҳои пуршараф,
Дар ту ҳоло хоҷае дарёфт нест...

Хоҷаё,
хобидааи озурдахотир то ҳанӯз,
Болини шоҳонаи Табрез дар зери
сарат...
Шоире дар дида нам, дар лаб дуо,
Мекунад коре хато:
Хоҷа меҷӯяд зи шаҳри хоҷаҳояш
гум шуда...

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи А. СУБҲОН.**

Дар ҳошияи китоби нав

# Номвожаҳои Ҳайдарӣ

Номҳо ифодагари воқеоту ҳодисоти таърихии мардумон ва кишварҳо мебошанд. Номҳо маҳсули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури инсон буда, посдору бозгӯи ганҷинаи ғании таърихаанд.

Номҳо ба ҳаёти одамон ва зиндагии онҳо марбут буда, баёнгари орзуву омол, нияту умед, табъу завқ, майлу рағбат, расму оин, эътиқоду ҷаҳонбинӣ, рӯҳияту маданият, маишату зиндагӣ, маърифату дониш ва тафаккури мардум мебошанд. Номҳо сарвати бепоён ва сарчашмаи беғазанди ҳар халқу миллат буда, амсоли ҳодисоти ҷамъиятӣ инкишоф меёбанд, мувофиқи мафкураи давру замон дигаргун мегарданд.

Дар ҳар давру замон одамони соҳибзавқ барои фарзандонашон номҳои мувофиқ мемонанд, ки ифодгари тафаккури ононанд. Номҳо ҳиссаи муҳими хазинаи луғавии ҳар як забон ва халқу миллатанд. Бинобар ин дар байни мардум аз замонҳои қадим оиди ному номгузорӣ андешаву ҳикматҳо ва зарбулмасалу мақолҳои зиёде офарида шудаанд: «номи зебо — нисфи ҳусн», «номи накӯ — нисфи давлат», «номҳо осмонианд», «номи баланд беҳ аз боми баланд», «ин кӯдак бо номаш омадааст» ва ғайраҳо.

Дар аҳкоми шаръӣ ҳам таъкид шудааст, ки яке аз қарорҳои падару модар ба фарзанд номи накӯ гузоштан аст.

Ҳар он шахсе, ки номи шинаму зебо ва шоирона дорад, ҳамеша бо сарбаландӣ ва ифтихори ба худ хосе номашро ба забон меорад. Чунки номи зебою пурмазмун, соддаву латиф, равону дилчасп ба гӯшҳо форам ва ба дилҳо завқу сурур мебахшад.

Ашхоси соҳибмаърифат дар ҳар давру замон ба фарзандҳояшон номҳои пурмазмуну хушоҳанг мегузоранд ва мехоҳанд, ки фарзандҳояшон шоистаи номи худ гарданд.

Мутаассифона, ҳоло ҳам касоне ёфт мешаванд, ки ба маънои ном эътибор намедиҳанд. Одамоне ҳам ҳастанд, ки тахаллусҳое, ки шоирон ба худ интихоб кардаанд, ҳамчун ном ба фарзандони худ мегузоранд. Гоҳо мешавад, ки ба кӯдакон номҳои вазнин, ё худ пурдабдаба мениҳанд, ки рӯҳи латифи кӯдак бардошта натавониста осеб мебинад. Дар асл ба ҳар як кӯдак номи муносиб бояд гузошт. Ба писарбачагон номҳое бояд гузошт, ки дар онҳо маъниҳои хирад, ҳикмат, заковат, қудрат, хислатҳои некӯи мардонагӣ таҷассум ёфта бошад. Дар номҳои духтарона нозукии гул, зеби гулшан, тароватӣ баҳор, ҷилои нур, малоҳату латофат, назокату садоқат ифода меёбад.

Китоби «Номвожаҳо»-и Шоҳмуҳаммади Ҳайдарӣ, ки соли равон дар нашриёти шаҳри Перм аз чоп баромад, барои дӯстдорони номгузорӣ эҳдои хубест.

Шоҳмуҳаммади Ҳайдарӣ номзади улуми филологӣ, олими номнигори тоҷик. Тамоми фаъолияти илмии худро ба номнигорӣ ва лақабгузорӣ бахшидааст. Асарҳои илмии ӯ асосан ба мавзӯи номгузорӣ ва лақабгузорӣ бахшида шудаанд. «Номҳои ҷуғрофии вилояти Ҷузҷон», «Бархе аз масоили номшиносӣ», «Лақабнома», «Ном ва тилло», «Насабномаи авлоди модарӣ», «Пажӯҳиши лақабҳои мардуми ноҳияи Ашт» ва ғайраҳо аз ҳамин ҷумла мебошанд.

Китоби навбатии ӯ оиди номгузорӣ «Вожаномаҳо» ном дошта, соли 2003 дар нашриёти Перм бо теъдоди 1200 нусха аз чоп баромад. Дар номнома зиёда аз 38000 номҳои қадима, ҳозира ва замонавии мардуми тоҷик гирд оварда шудааст. Китоб дар коғази навъи аъло чоп шудааст. Мундариҷаи китоб аз ёздаҳ қисмат иборат буда, қисмҳои оғознома, номҳои писарон, номҳои духтарон, ба ҷои сарсухан, ном ва инсон, масоили ном ва номгузорӣ аз нигоҳи донишмандон, номшиносӣ ва пешомадҳои он, сарчашма ва маъхазҳо, адабиёт ва маъхазҳои нашршуда ва маъхазҳои бойгониро дар бар мегирад. Бурд, бартарӣ ва навгонии китоб дар он аст, ки аз аввал то охирин саҳифаи ҳар як сарвараќи саҳифаҳо гуфтаҳои бузургон, байтҳои оиди сухану сухандонӣ, панду андарзҳо, ҳикматҳои халқӣ, таърихи баъзе воқеаҳо, қиёси номгузорӣ дар ноҳияҳои гуногуни тоҷикнишин ва амсоли онҳо ба назар мерасад. Мисол, ном аз воҷиботи вуҷуди башар бувад, агар одамизодагон ном надоштанд, абадзиндаву ҷонфархунда намонданд. (Ардамеҳр, саҳифаи 5) Номҳои аҳолии исломовардаи Мовароуннаҳрро арабӣ не, балки мусулмонӣ гуфтан дурусттар мебуд. (Олим Ғафуров, саҳифаи 45)' Дар ноҳияи Шаҳритӯси вилояти Хатлон соли 1987 барои 541 нафар писарон 349 ном дода шудааст, ки дар мақоми аввал номи Ҷамшед ва пасон Бахтиёр, Далер ва Умедҷон ҷой доранд. (сухани муаллиф, саҳифаи 88). «Суханро бар замин натвон фикандан ҷумла чун ёрон, басе дар гӯш бояд кард ҳамчун луълуи лоло». (Салмони Соваҷӣ, саҳифаи 178). Лозим ба таъкид аст, ки номҳои дилписанду гӯшнавоз, ки вирди забонҳо бошанд, садҳо ҳазоранд. Бо як вожаи «гул» дар забони мо беш аз панҷсад ва бо вожаи «дил» беш аз дусад номҳои духтаронаву писарона вомехӯранд. Вале мо бо даҳ-бист номе, ки бо ин вожаҳо сохта шудаанд, қаноат меварзем ва аз садҳои дигар баҳрабардорӣ намекунем. («Ардамеҳр», саҳифаи 245 ва ғайраҳо). Хулласи калом, ин китоби нодир ба ҳар фарди солимфикр мададкор хоҳад шуд. Заҳмати зиёда аз бистсолаи муаллиф самари хубе додааст.

**Фарҳоди ИСОМИДДИН,**
**устоди Донишкадаи омӯзгории Ангрен,**
**номзади улуми филологӣ.**

# «Раҳмат!» мегӯем

Сокини шаҳри Берлин Ганс Гюнтер Дардеман ва ҳамсари ӯ дар озмуни «Шумо оё Ӯзбекистонро медонед?», ки ба қарибӣ дар Олмон баргузор гардид, пирӯз шуданд ва имкон пайдо карданд, ки мӯъҷизаҳои шаҳрҳои Самарқанд, Бухорову Хива ва ҳаёти имрӯзаи кишвари моро бо чашмони худ бубинанд.

Ширкатҳои миллии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» ва «Ӯзбектуризм» ба ғолиби озмун саёҳати ройгонро ба Ӯзбекистон пешниҳод карданд.

Ва инак ин саёҳати ғароиб ба кишвари мо анҷом ёфт. Меҳмонони олмонӣ аз сафар ба Ӯзбекистон чӣ бардоштҳое гирифтанд, таассуроташон аз шиносоӣ бо кишвари мо чӣ гуна аст? Ман бо чунин саволҳо ба Ганс Гюнтер Дардеман, ки аз сафар баргашт, муроҷиат кардам.

—Таассуроти худро нисбати кишваре, ки ба он ҷо бори аввал сафар мекунӣ, бо сухан ифода кардан душвор аст. Моро пеш аз ҳама муҳити меҳмоннавозӣ ва самимият, кушодадиливу меҳрубониҳое, ки тамоми ҳафт рӯзи дар Ӯзбекистон буданамон эҳсос менамудем, моту мабҳут сохтанд. Бояд гуфт, ки чунин пазироӣ нисбати ҳар як меҳмон ба ҷо оварда мешавад ва он аз суннатҳои азалии ӯзбекистониён аст. Мо дар ягон ҷо худро бегона эҳсос накардем. Воқеан, барои дарки он ки туро эҳтиром мекунанд ва ба сифати дӯсти беҳтарин истиқбол мегиранд, донистани забон шарт нест.

Бешубҳа, ман то саёҳати худ ба Ӯзбекистон адабиётҳои бисёреро оид ба тамаддун, урфу одатҳо ва таърихи ин кишвар мутолаа карда будам. Вале он чи ки бо чашмони худ дидам, таассуроти бештару фаромӯшнашудание гузошт. Ҳангоми саёҳат мо бо маданияти ба худ хосу нотакрори мардуми Ӯзбекистон рӯ ба рӯ омадем, маълумоти бисёреро дастрас кардем.

Ёдгориҳои таърихии Гӯри Амир, маҷмӯи Регистон, мақбараи Сомониён, Манораи Калон имкон медиҳанд, ки бузургӣ ва шаҳомати фарҳанги бостонии мардуми ин сарзаминро, ки хирад ва ҳикмати асрҳои тӯлониро дар худ гунҷондаанд, рӯшан эҳсос намоем.

Имрӯз фақат метавонем бигӯем: моро Ӯзбекистон, мардуми он, таърих ва тамаддуни вай тасхир намуданд. Ва мӯътақид ҳастем, ки ин эҳсос то охири умр бо мо хоҳад буд.

Ба онҳое, ки баҳри мо чунин саёҳати хотирмонро ба Ӯзбекистон эҳдо намуданд, таҳтидилона «раҳмат!» мегӯем.

**Аслам АКБАРОВ,**
**ОИ «Ҷаҳон».**

БЕРЛИН.

# Навгониҳои фарҳанг

## Муваффақияти Севара

**Дар толори консертии «Szene Wien»-и Вена бо пуштибонии сафорати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Австрия консерти сарояндаи боистеъдоди ӯзбек Севара Назархон баргузор гардид.**

Зикр бояд кард, ки ин аввалин консерти мусиқаи ӯзбекӣ дар Вена буд, ки пойтахти маданияти Аврупо шумурда мешавад. Тамошобинони маҳаллӣ, ки аз сафарҳои ҳунарӣ ва барномаҳои мусиқии ситораҳои санъати ҷаҳон бархурдории тамом доранд, ҳунари ҳунарманди ҷавони кишвари моро хуб тақдир намуданд.

Баромади Севара Назархон, ки баробари сурудҳои эстрадии дар усул ва услуби блюз ва рок иҷрошуда, сурудҳои классикии мардумиро ҳам дар худ гунҷонида буд, аз ҷониби ҳаводорони санъати венагӣ гарму ҷӯшон пазируфта шуд.

Дар рафти консерт тамоми роҳравҳои толор ба майдончаҳои рақс табдил ёфтанд. Баъди хатми он бошад, тамошобинон муддати мадид аз ҳунарварии ӯзбек тақозо менамуданд, ки боз чанд суруд хонад.

Севара аз Австрия ба шаҳри Севильяи Испания равона шуд. Дар он ҷо ӯ ҳамроҳи дастаи худ дар тантанаҳои бузурги мусиқии байналхалқии сол —фестивали мусиқии ҷаҳонӣ— «WOMEX» иштирок мекунад.

**ОИ«Ҷаҳон».**

## Эҳсосоти Ватан

**Дар китобхонаи универсалӣ-илмии ба номи Тирмизӣ дар мавзӯи «Ватанпарварӣ ва ҳисси ифтихори миллӣ» конфронси навбатӣ шуда гузашт.**

Дар он талабагон ва муаллимони шӯъбаи ҳуқуқшиносии коллеҷи иқтисодиёти Тирмиз иштирок доштанд. Дар он аз хусуси асари сарвари мамлакат Ислом Каримов—«Баҳри сулҳ бояд мубориза бурд» («Тинчлик учун курашмоқ керак») сухан рафт. Ба сухан баромадагон — устодони коллеҷ дар бораи аҳамияти калон доштани асари номбурда дар мустаҳкам намудани сулҳу салоҳ, осоиши байни мардум нақл карданд.

Иштирокдорони конфронс бо намоиши асарҳои Президенти Ӯзбекистон, ки онро фаъолони коллеҷ тайёр кардаанд, шинос гаштанд.

## Васфи диёр

**Кормандони китобхонаи вилоятии ба номи Ғафур Ғуломи Сурхондарё оиди тарбияи насли наврас, тарғиби китобу адабиётҳои бадеӣ дар байни ҷавонон тадбирҳои муфид мегузаронанд.**

Чанде пеш онҳо бо иштироки шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон таҳти шиори «Туро месароем, диёри азиз» вохӯрии шавқбахш гузарониданд. Дар он талабагони коллеҷи иқтисодӣ фаъол буданд. Бо ташаббуси узви иттифоқи нависандагон Болтаҷон Содиқов ашъори навқаламон муҳокима карда шуд. Беҳтарин намунаҳои чакидаҳои ҷавонони навқалам ба чоп пешниҳод гардид.

Шаби вохӯрӣ оиди муайян намудани ҷавонони боистеъдод ва эҷодкор аҳамияти хоссае дорад. Зеро дар байни толибону мактаббачаҳо ҳаваскороне ҳастанд, ки дар бораи ҷавонӣ, меҳнат ва васфи Ватан шеъру ҳикояҳои қобили чоп эҷод мекунанд.

## Шаби назм

**Дар яке аз қисмҳои ҳарбӣ, ки дар Тирмиз ҷойгир аст, шаби назм ба амал омад. Мавзӯъи он «Фидои ту ҳастем, Ватан» буд.**

Онро раиси шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон, шоир, дорандаи ордени «Эл-юрт ҳурмати» Шафоат Раҳматуллоҳ Тирмизӣ кушод. Дар рафти мушоира асарҳои васфкунандаи кишвар, дӯстӣ, ватанпарварӣ баланд садо доданд. Асарҳо ба қалами Шафоат Раҳматуллоҳ ва ҷоизадори мукофоти ба номи Зулфия Манзура Холмирзоева мутааллиқ буданд.

Мушоира ба ҳозирон хеле писанд омад. Дар рафти он инчунин намоиши китобҳо дар мавзӯи «Ҷасурони диёр» ба амал омад. Ташаббускорони он ҷонишини роҳбари китобхонаи универсалӣ-илмии вилоят ба номи Собир Тирмизӣ М.Матқулова ва дигар китобдорони фаъол буданд.

**М.КАРИМОВА.**





*Соли 2003 бо ташаббуси Президент Соли маҳаллаи обод эълон гардида буд. Аз рӯи дастури он хеле тадбирҳои муфид амалӣ гардиданд. Ба ободонии зоҳирӣ ва ботинии маҳаллаҳо эътибори ҷиддӣ дода шуд. Ҷойҳои кории нав боз гардиданд, партовҳо сари вақт бардошта шуданд, тӯю маъракаҳо ба тартиб даромаданд, ба дармондагону пасмондагон ёрии моддиву маънавӣ расонда шуд.*

*Ба муносибати Соли маҳаллаи обод дар маркази ноҳияи Қизилтеппаи вилояти Навоӣ бинои зебое қомат афрохт.*

*Дар бунёди он, ки гузари маҳаллаи «Қизилтеппа» ном гирифтааст бародарон Нуриддин, Содиқ ва Асад Ҳабибовҳо саҳм гузоштаанд. Бино сартарошхона, меҳмонхона ва беш аз 20 нуқтаи хизмати маишӣ дорад. Ба ҷуз ин тӯйхонаи дорои 600 ҷой ба аҳолӣ хизмат мекунад.*

***Дар акс: 1.** Чойхоначии «Гузари Қизилтеппа» **Шавкат Раҳмонов** ҳангоми хизматрасонӣ. **2.** Намуди умумии гузар*

**Аксбардор: Собир ЗУФАРОВ (ЎзА).**

Ганҷи ороста

# «Заҳмати мардони солеҳ раҳмат аст»

«Касе, ки тану равони худро барои манзури олӣ ба ранҷ меафканад, ба бузургтарин комёбӣ ноил мегардад».

«Мардони бузург даме наёсудаанд ва лаҳзае роҳат наҷустаанд ва дар сафари зиндагӣ меҳнату машаққатро ҳамсари худ қарор додаанд ва аз шикасту нокомӣ меваҳои пирӯзӣ чидаанд».

«Ҳамчунон ки бо бархӯрди афкор барқи ҳақиқат ҷастан мекунад, одамӣ ҳам бо рӯбарӯ шудан бо мушкилот нерӯманд мегардад. Зиндагии олӣ: зиндагонии сахт ва дардолуд аст».

«Ранҷҳое, ки нигорандагон ва ҳунармандон кашидаанд, дар ағлаби осорашон мунъакис ёфтааст. Ба тавре ки метавон гуфт, осори онон оинаи тамомнамои рӯҳи онон аст».

«Ағлаби адибон маводи навиштаҳои худро мустақиман аз таҷорибу зиндагонии худ ба даст меоваранд ва дар ҳақиқат таҷрибиётеро, ки дар оинаи дурахшони рӯҳи онон нақше баста, наққошӣ мекунанд. Филмисол, тӯфони ишқ ба ҷамоли Аъло буд, ки даруни ороми Ҷалолиддини Балхиро пурҷӯшу хурӯш сохт ва ӯро ба гуфтани ашъори нағзи дилангез барангехт. Ба тавре ки метавон гуфт: «Маснавии маънавӣ» оташест, ки аз дили Мавлавӣ бархостааст»...

**Меҳрдоди МЕҲРИН.**

**«Хорӣ зи даҳр донишандӯхта дид,**
**Аз беадабон ҷабр адабомӯхта дид.**
**Бо тирадилон замонаро коре нест,**
**Офат аз бод шамъи афрӯхта дид».**

**Абутолиби КАЛИМ.**

**«Беадаб танҳо на худро дошт бад,**
**Балки оташ дар ҳама офоқ зад».**
**Ҷалолиддини БАЛХӢ.**

«Беадаб аз лутфи парвардигор маҳрум бувад».

**(Аз ҳикмати бузургон).**

«Одоб ҳосилаи тамоми хулқҳои ҳамида аст».

**(Аз ҳикмати бузургон).**

«Одами бад мисли чормағзи кӯрак аст, дандонҳоро мешиканаду худаш сиҳат мемонад».

**(Аз ҳикмати бузургон).**

«Одамизод аз рӯзи аввал дар талоши бахт аст. Лек яке ба манзили умед мерасад, дигаре дар нимароҳ мемонад. Ба кӯи мурод ҳамоне мерасад, ки сангҳои сариҳро дур андохта пеш равад».

**(Аз ҳикмати бузургон).**

«Ҳар кӣ хулқи бад дорад, бо ӯ дӯст машавед».

**(Аз насиҳати ҳакимон).**

«Захми тир бар тан асту захми сухан бар ҷон».

**(Аз ҳикмати бузургон).**

«Ҷои инкор надорад, ки мардуми мо саросар босавод шуд. Вале ҷои иқрор дорад, ки мо ҳарфхон шудем, маънидон нашудем».

**КӮҲЗОД.**

**«Сифла сияҳрӯ бувад у бадниҳод,**
**Хоки сияҳ бар сари ҳар сифла бод».**
**КОШИФӢ.**

«Мақсуд аз талабу фарогирию андӯхтани илм ба саодати ду дунё даст ёфтан аст. Лек одам ҳарчанд муллову олим бошаду аз ниҳодаш ахлоқи замима (хулқҳои нохуб) ва афъоли зиштро бартараф накарда, замирашро бо хислатҳои ҳамидаю хубу марғуб ва ахлоқи писандида (хулқҳои нек ва шоёни таҳсину таърифу ибрату эътимод) зебу зийнату оро надиҳад, ҳанӯз ба саодати дунёву уқбо ноил нахоҳад гашт».

**Мирзо ХАЙРУЛЛОИ ХӮҚАНДӢ.**

«Одам худаш бимирад, ҳаводораш намирад».

«Толеъ агар мадад кунад, хок гирӣ-зар гардад».

«Кори дунёро некӯ кунед, то кори уқбо накӯ гардад».

«Вақт рафт—нақд рафт».

«Ба аспи хуб як қамчӣ, ба аспи бад сад қамчӣ».

«Баракат аз ҳаракат».

«Ганҷ бе ранҷ ба даст намеояд».

«Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад».

«Фарзандро сахт надорӣ, одам намешавад».

«Ҳар ҳамон хару тӯқумаш дигар шудааст».

«Оби рехтаро ҷамъ кардан муҳол».

«Мардуми бад ҳамин сифат дорад,
Ки туро бесабаб биёзорад».

**(Аз ҳикматҳои халқ).**

«Якдилу якҷиҳату якрӯ бош
В-аз дурӯёни ҷаҳон яксӯ бош».

**ҶОМӢ.**

«Ҳар кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад».
«Дар даҳр яке ёри вафодор наёбӣ,
Дар боғи ҷаҳон як гули бехор наёбӣ».

**Хусрави ДЕҲЛАВӢ.**

«Илми инсон ёвари ӯст».

**(Аз «Ҳадиси хотиматун-набӣ»).**

«Дар дег бошад, ба чумча ҳам меояд».

«Илоҷи воқеъа қабл аз вуқӯъ бояд кард».

«Ҳазор дӯст кам аст ва як душман бисёр».

**(Аз ҳикматҳои бузургон).**

«Бузургтарин асрор марг аст».

**Ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб.**

«Ду теғ дар як наём (ғилоф) нагунҷад».

**(Аз ҳикмати халқ).**

«Ҷавлони ботил як соат ва давлати ҳақ то қиёмат».

**(Ҳадиси пайғамбар).**

«Ҷавони хирадманд беҳ аз пири бехирад».

«Ҳар кӣ ба дунболи илм бошад, биҳишт ба дунболи ӯст ва ҳар кӣ ба ҷустуҷӯи дунё бошад, оташ дар талаби ӯст».

«Мӯъмин касест, ки аз кори некаш хурсанд ва аз кори бадаш норҳат шавад».

«Ҳар чӣ бикорӣ, бидаравӣ».

«Беҳтарини занон он аст, ки бачаовар ва меҳрубон бошад».

**(Аз «Пандномаи Муҳаммад»).**

«Зинову фаҳш ҷомеаро фақир ва забун мекунанд».

«Дар шоми фақр ва рӯзи ғанӣ худоро фаромӯш накунед».

«Аз мавориди тӯҳмат ва иттиҳом (бадгумонӣ) парҳез кунед».

«Дарҳамшиканандаи лаззатҳоро (маргро) бисёр ёд кунед».

**(Аз Пандномаи Муҳаммад).**

«Ҳам ғарию ҳам пешхезӣ».

«Харбузаи гандая тухмаш бисёр мешавад».

«Поянда бод ранҷе, ки ганҷ медиҳад ба каф».

«Ҳар кӣ об аз дами шамшер хӯрад, нӯшаш бод! »

«То бача нагиряд, модараш шир намедиҳад».

**(Аз ҳикматҳои халқ).**

**(Давом дорад.)**

**Гирдоваранда**
**Раҳмонбердӣ РАҲИМОВ,**
**ноҳияи Ургут.**

